# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

аз “20” 10 соли 2025 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимзода Ш. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х. - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. - аъзои комиссия;, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Буриев Шоҳин Муддинович хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Буриев Шоҳин Муддинович 20-уми декабри соли 1996 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2019 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Аз соли 2019 то 2021 таҳсилро дар зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «кори бонкӣ» ба анҷом расонидааст.

Ҳамзамон бо мақсади оғоз намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ соли 2021 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамчун докторанти фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дохил шуда, онро соли 2024 хатм намудааст.

Ҳамзамон Буриев Ш.М. дар асоси нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 180 кредитро аз худ намуда имтиҳони маҷмуиро бо муваффақият супоридааст.

Аз соли 2024 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда ба донишҷӯён таълими илм медиҳад.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 22-юми феврали соли 2022, суратҷаласаи №07 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ: Сайфуров Кароматулло Файзуллоевич– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод карда шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

***V. Комиссия пешниҳод менамояд:***

1. Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

- Икромӣ Нуриддин Қиём – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Раҳимзода Ш.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Умаров Х.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.